INNOVATIVE WORLD

ISSN: 3030-3079
Impact Factor: SJIF X.XXX

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

Open Access, Peer Reviewed Journal

Scientific Journal






# ОМӮЗИШИ БАЪЗЕ МАНБАЪҲОИ ТАЪРИХӢ ДОИР БА ШАХСИЯТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

**Мирзоев Хайём Тошқулович**
Дотсенти донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов
**Асророва Зуҳал**
Донишҷӯи донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

**АННОТАТСИЯ.**
*Мазкур мақолада XV асрнинг буюк шоири Нуриддин Абдураҳмон Жомийнинг шахсияти, комил инсонга хос хислатлари давр адабий манбалари тадқиқи асосида ёритилган. Жумладан, Жомийнинг замондош адиблари, яқин алоқада бўлган шогирдлари Алишер Навоий, Абдулғафур Лорий, Восифий, Али Сафийларнинг мавзу ҳақидаги маълумотлари таҳлилга тортилган.*

**Вожаҳои калидӣ**

Дар илми дирӯзаю имрӯзаи адабиётшиносии тоҷику форс ва адабиётшиносии ҷаҳон нисбати арзиши фаъолияти эҷодӣ, шахсият ва мавқеи як адиб чӣ қадар суханҳо, мулоҳизаҳои кофие гуфта шуда бошад, нисбати Абдураҳмони Ҷомӣ зиёда аз он гуфтаву шунидаву зикр карда шудааст. Агар мову шумо дар бораи эҷодиёти ин адиби забардасти адабиёт номгӯи асарҳои илмиро аз қабили китобҳо ва мақолаҳои илмӣ рӯи қоғаз овардани бошем, бароямон муддатҳои тӯлонӣ ва дафтарҳои зиёде лозим мешавад. Зеро ҷараёни омӯзиш ва тадқиқи фаъолияти эҷодии ин адиб аз замони зиндагиаш то ба имрӯз идома дорад.

Дарвоқеъ, имрӯзҳо пандҳои ин пири бузурги тариқат аҷиб нест, ки ба қалбҳои ҳар яки мову шумо ҳаяҷон бахшида бошад. Воқеан, 6 аср инҷониб ба қавли ҷомишиносон гӯем «оромгоҳи шоири бузург кошонаи дили халқҳои ҷаҳон аст.» Ҳар кас мехоҳад дар бораи ин шахси таърихӣ лаб ба сухан кушояду сухани пурмағзе фароҳам орад ва порае аз забони ширини Устоди Ҷом хонад. Дар бораи Ҷомӣ ва эҷодиёти ӯ то он дараҷа суханҳои пурқиммат ва тозае гуфта шудааст, ки баъди мутолиаи онҳо боз барои ҳарфи наве гуфтан суханамон оҷизӣ мекунад. Бинобар ин, гуфтаниҳоеро аз зиндони қалб озод мефармоем ва ба рӯи қоғаз меорем, ки шояд онро шумо аз касе шунидаву аз ҷое хонда бошед, магар муваффақ будед, зиёне надорад, ки бори дигар ёдовар шавед!

Инак бо азми тамом ва бо умеди мадади рӯҳи поки пири бузурги адабиёт чанд ҷумлаи кӯтоҳе дар бораи шахсияти А. Ҷомӣ, ки новобаста аз бузургию шӯҳрати ҷаҳониаш ба хоксорӣ ва фурӯтанӣ осос ёфтааст, собит намуданӣ ҳастем. Албатта, шахсияту фардияти адибро дар асоси тадқиқу таҳлили эҷодиёти ӯ шинохтан мебояд ва ба матлаб мувофиқ меояд, ки аз ин ҷиҳат хонандагон Ҷомиро хуби хуб мешиносанд. Аз

ҳамин сабаб ҳам, мо сирату симои Ҷомиро, хислату фазилати инсонии ӯро аз нуқтаи назари зиндагии маишӣ, тарзи ҳаёти воқеии ӯ, муносибаташ бо атрофиён ва ғайра бори дигар шинохтанӣ ҳастем. Дар сари ин ҳадаф мо ба зикру баёноти адабию таърихӣ, санаду ҳуҷҷатҳои мӯътамади илмӣ, ки аз ҷониби шахсони наздики Ҷомӣ, аз ҷумла, Навоӣ, Абдулғафури Лорӣ, Восифӣ, Алӣ Сафӣ ва дигарон собит шудааст, такия хоҳем намуд.

Ҷомӣ дар чорсолагӣ хонданро омӯхт ва ба мактаб рафт, забони арабӣ ва «Қуръон»-ро аз бар кард. Вақте ки ба Ҳирот омад, дар мадрасаи «Низомия» таҳсили илм намуд. Зайниддини Восифӣ дар китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» «Достони хамсаи мутаҳайира»-ро меорад, ки бузургтарин олими замон Муҳаммади Ҷоҷармӣ аз ӯҳдаи дарсдодани Ҷомӣ намебарояд ва мегӯяд: «Ҳеҷ аҳаде сабақи шуморо дар ҳеҷ илме наметавонад гуфт. Равед ва дар ҳар куҷое, ки хоҳед ва ҳар чӣ хотири шумо хоҳад, дарс гӯед».

Абдураҳмони Ҷомӣ дар натиҷаи ақли гиро, зеҳни тез, заковати расо, ҳофизаи тавоно ва ҷиддияти омӯзиш дар синни 20 солагӣ ба қатори бузургтарин олимони замон ҷой мегирад. Ҷомӣ соли 1436 ба Самарқанд меояд. Ӯ дар мадрасаи «Улуғбек» аз Қозизодаи Румӣ ва Фазлуллоҳи Абӯлайс таълим мегирад. Донишманди бузург Қозизодаи Румӣ дар яке аз маҷлиси олимон нисбати бузургии Ҷомӣ чунин гуфта буд: «То бинои Самарқанд аст, ҳаргиз ба ин қадар зиракии табъ ва қуввати донишҷӯӣ мисли ин ҷавон – Ҷомӣ ҳеҷ кас аз оби Омуя ба ин ҷониб нагузаштааст…»

Ҷомӣ, ки ба зудӣ машҳури хосу ом гашта буд, бузургони илму адаби бисёр кишварҳо ӯро чун пешвои донишмандон ва адибони замон эътироф мекарданд ва донишу биниши ӯро дар масъалаҳои гуногуни илму адаб ва ирфон меъёру маҳак донista, худи ӯро беҳтарин ҳакам мешумориданд. Подшоҳи замон Султон Ҳусайн Бойқаро ва авлодони ӯ, вазири ӯ Алишер Навоӣ Ҷомиро пир ва худро мурид медонистанд. Подшоҳ Ҳусайн Бойқаро ва Навоии бузург ба Ҷомӣ эҳтироми беандоза доштанд.

Ӯ аз худ мероси гаронбаҳои адабӣ боқӣ гузошт, ки хазинаи тамомнашавандаи маънавӣ мебошад. Е.Э.Бертелс менависад: «Ҷомӣ дар осори худ соҳирона: такомули панҷсадсолаи адабиёти гузаштаро ҷамъбаст мекунад. Аз рӯи осори Ҷомӣ бо камоли боварӣ метавон ҳукм кард, ки дар қарни XV аз мероси гузашта чӣ чиз боқӣ монда ва чӣ аз байн рафта будааст.» Дар ҳақиқат, он корҳое, ки дар ҷодаи илму адаб ин устоди бузурги илму ирфон ба анҷом пазируфта буд, ифтихори беинтиҳои дирӯзу имрӯз ва ояндаинаи мардуми чи шарқу чи ғарб мебошад.

Мухтасаран, бори дигар мушоҳида намудем, ки А.Ҷомӣ чӣ андоза шахси бузург будааст. Аммо бо ин ҳама шӯҳраю шони ҷаҳонӣ, бо ин ҳама сарвати маониву моддӣ дар шахсияти ин шайхи бузург ҳолати тамоман

ғайриоддие ба мушоҳидаи умум мерасидааст. Яъне Ҷомӣ шахси ниҳоят хоксор ва фурӯтан будааст. Тарҷимаиҳолнависи Ҷомӣ Абдулғафури Лорӣ зикр мекунад, ки ӯ як зиндагонии хеле содда ва бетакаллуфонаеро ба сар бурдааст: «Аксари авқот ба рӯи хок менишастанд ва ғолибан қабои остинкушода мепӯшиданд. Гоҳе, ки қабо ба дӯши муборакашон мебуд, бардошта ба зери пой меандохтанд. Мефармуданд, ки ҳам палос асту ҳам либос. Дар зеби либос мутафаррид буданд, бар ҳар сурат, ки бар меомаданд, дилкаш буд. Гоҳ қабо пӯшидандӣ ва гоҳ ҷубба, гоҳ алоқа аммома гузоштандӣ ва гоҳ не ва гоҳе якгӯша гузоштандӣ ва гоҳ гирд ва гоҳе бар қафо гузоштандӣ. Ҷамеи ҳаракот ва саканоти ҳазрати эшон хушоянда ва писандида буд.» Ҷомӣ шахсони мағрур ва зоҳирпарастро намеписандид. Бинобар ин, дар нишасту хест ва дар пӯшидани либос хеле хоксору камтар буд. Дар ин бора гуфтаҳои Лориро Восифӣ низ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» тақвият додааст: «Ҷомӣ дар тобистону зимистон ҷомаи оддии пахтадор мепӯшид ва бар сар тоқияи убайдӣ (як хел каллапӯши сафед, ки пештар дар Самарқанд медӯхтанд) ниҳода, бар вай ду-се печ дасторчаи хурде мепечонид. Миёни худро бо фӯтаи ҳаммомиён мебаст ва ду нӯги фӯтаро аз пеш овезон мегузошт. Бар даст асои ҷавбедӣ мегирифт, ки аз қоматаш як ваҷаб баландтар буд...» Аз фазилатҳои дигари Ҷомӣ камсухан ва бомаврид ҳарф задани ӯ будааст. Алишер Навоӣ дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» ин хислатҳои шоистаи Ҷомиро хеле равшан тасвир кардааст: «Касоне, ки овозаи камоли он касро шунида роҳҳои дурро тай намуда, барои ба сӯҳбати муборакашон мушарраф шудан меомаданд, он касро аз ғояти ноаёнӣ дар байни асҳоб мутлақо шинохта наметавонистанд, дар нишасту хез, гуфту шунид ва хӯроку пӯшок дар байни худашон ва соири мулозимон тафовуте набуд. То ягон кас аз илмои зоҳирӣ ва маънавӣ масъалаеро илқо накунад, ҳаргиз сафедро аз сиёҳ фарқ карда тавонистани он кас маълум намешуд. Аммо баъди илқои масъала дар ҳамаи илмҳо маҳорат ва истеҳзори он кас ба дараҷае зоҳир мегашт, ки ҳаргиз ба дидани ҳеҷ китобе эҳтиёҷашон набуд.»

Хоксорӣ, фурӯтанӣ ва ботавозӯъ будани Ҷомиро Восифӣ дар ҳикояти «Мулоқоти писари қозии Сиистон бо Ҷомӣ» басо шавқангез ва ибратнок тасвир кардааст, ки маълуми ҳамагон мебошад. Дар ҳикояти мазкур муаллиф манзараи ҳаёти воқеии Ҷомиро то ба хурдтарин деталҳояш нишон додааст, ки баъди мутолиаи он аз тарзи зиндагии фақиронаву хоксоронаи ӯ бори дигар огоҳ мешавем. Он хислату фазилатҳоеро, ки Восифӣ дар симои Ҷомӣ тасвир карда буд, дар суханони зерин низ акси худро ёфтааст: «Ҳар кас,- мегӯяд Абдулғафури Лорӣ, - ба мулозимати эшон меомад, хоҳ вазеъ ва хоҳ шариф, бо вай менишастанд ва таваққуф менамуданд, ки то аввал вай бархезад...малоҳати такаллум бар эшон бағоят ғолиб буд, латоиф ва суханони шавқангез бисёр мефармуданд ва мутоиба бисёр

мекарданд...баъй медоштанд дар маҷлис фурӯтар нишинанд ва бо фурӯтарин мардум дар таомхӯрдан шарик мегаштанд, дар хӯрданиҳо бағоят бетакаллуф буданд...ва амале, ки дар вай тоибаи риё буд, аз ҳазрати эшон содир намешуд...»

А.Ҷомӣ соли 1453 аз Самарқанд ба Ҳирот меояд ва бо яке аз бузургони ҷараёни Нақшбандия Саъдиддини Қошғарӣ шиносоӣ пайдо карда, ин фирқаро қабул мекунад. Аз рӯи гуфтаи А.Лорӣ ва Алӣ Сафӣ Ҷомӣ дар ибтидои ба фирқаи нақшбандия дохил шуданаш, тақрибан дар давоми шаш моҳ тамоми талаботи онро аз сари шавқ баҷо меорад ва аз ҳамин сабаб баъди вафоти Қошғарӣ дар 42-43 солагӣ ӯ муршиди тариқати Нақшбандия шинохта мешавад. Баъд аз вафоти Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор, ки дар соли 1489 иттифоқ афтод, Ҷомиро раҳбари силсилаи Нақшбандия шинохтаанд. Аммо Абдулғафури Лорӣ нақл мекунад, ки Ҷомӣ аз рӯи хоксорӣ ва фурӯтанӣ мурид намеҷустааст, бо кашфу каромот машғул намешудааст, ҳар касе, ки аз ин амали ӯ тааҷҷуб кунад, дар ҷавоб «таҳаммули бори шайхӣ надорем» мегуфтааст. Ҳақ асту рост, зеро дар зиндагии воқеии Ҷомӣ аз он бузургию шаҳомоти шайхӣ асаре набуд. Ӯ мӯҳтоҷи дигарон шуданро намехост, аз ҳеҷ кас тамаъ намеҷуст, аз хурдӣ ба мустақилона кор кардан одат карда, ҳамеша аз бори миннати дигарон худро канор мегирифт ва иззати нафси хеле баланде дошт. Ӯ, ки марди диндору сӯфимашраб буд, аз ҳамин мавқеъ истода хоксорӣ, фурӯтанӣ, қаноатпешагӣ, инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ ва ин гуна фазилатҳои ҳамидаи инсониро дар зиндагии худ пеша намуд, роҳи дурусти зиндагии хеш пиндошт, ки бо ин шахсияти пургунҷоиш ӯ то ба имрӯз чун тимсоли инсони комил аст.

**Адабиёт:**

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Рисолаи қофия. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.8. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 135-150.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Рисолаи арӯз. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.8. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 151-204.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 167.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осори мунтахаб. Ҷ. 1-5. – Душанбе: Ирфон, 1964.
5. Алишер Навоий. Мажолис ун-нафоис. МАТ. 20 жилдлик. – Тошкент: Фан, 1997.
6. Восифий Зайниддин. Бадоеъ-ул-вақоеъ – Нодир воқеалар / Форсийдан Н.Норқулов таржимаси. – Тошкент: Адабиёт ва санъат, 1979.
7. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. –Теҳрон, 1338.– 449 с.